# муфарридон" пешӣ ҷустанд

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар роҳи Макка мерафтанд ва аз назди кӯҳе мегузаштанд, ки номаш Ҷумдон буд, Фармуд: "Ҳаракат кунед биравед, ин Ҷумдон аст, "муфарридон" пешӣ ҷустанд". Гуфтанд: "Муфарридон" киҳо ҳастанд эй Расули Аллоҳ? Фармуд: "Мардон ва заноне, ки Аллоҳро бисёр ёд мекунанд."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) манзилати касонеро, ки Аллоҳро зиёд зикр мекунанд, баён намудааст. Ва ин ки онон дар касби дараҷоти воло дар биҳишт аз дигарон пеш гузаштаанд ва онҳоро ба кӯҳи Ҷумдон ташбеҳ карданд, ки аз дигар кӯҳҳо ҷудо афтодааст.

https://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3719